**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 03.07.2025, №_

Барои сазовор донистани Раҳмонов Самандар Давлаталиевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа

Диссертатсияи “Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро”аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа 24 апрели соли 2025 ба ҳимоя қабул карда шуд, протоколи №3 шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст.

Раҳмонов Самандар Давлаталиевич 20.07.1989 дар ноҳияи Кӯлоби вилояти Хатлон дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Соли 2007 ба факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, соли 2012 бо ихтисоси муаллими таърих ва ҷомеашинос хатм кардааст. Соли 2020 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисиси идоракунии ҳайати кадрӣ хатм кардааст. Аз соли 2012 то соли 2015 омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе, аз соли 2015 то соли 2019 омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ дар Гимназияи хусусии ба номи А.Берунӣ, аз соли 2019 то соли 2020 ҳамчун омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ дар МДТ Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе фаъолият намудааст. Аз соли 2020 инҷониб омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии МДТ Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ мебошад.

Раҳмонов Самандар Давлаталиевич аз соли 2021 то соли 2025 унвонҷӯи Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ мебошад. Мавзуи рисолаи илмии Раҳмонов Самандар Давлаталиевич “Масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии Аморати Бухоро аз дидгоҳи Аҳмади Дониш ва ҷадидия(таҳлили муқоисавии таърихӣ-фалсафӣ)” дар шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ таҳти № 4 аз 20.04.2023 тасдиқ гардида, баъдан санаи 28.02.2025, протоколи № 2 мавзуи рисолаи номзадӣ бо номи “Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро” иваз карда шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 10 мақолаву гузоришҳои илмии муаллиф, ки аз байни онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ (суратҷаласи № 2 аз 28.02.2025) муҳокима шуда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D. КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Диссертатасияи номзадии довталаб дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фасафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаб**: **Зиёӣ Х.М** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳии техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ;

**Ҷураев Комрон Ҷондорович** – доктори фалсафа (PhД) доктор аз рӯйи ихтисос, омӯзгори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода. Дар хулосаи мусбати додашудаи худ, ки аз тарафи муқарриз номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Маҷидов Диловар Ҳафизович имзо шудааст, қайд шуд, ки довталаби дарёфти дараҷи илмӣ 10 интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**1.** Раҳмонов С.Д. Пешоҳанги ҳаракати маорифпарварӣ // Ахбори АМИТ, Бахши фалсафа, №2 (271).– Душанбе, 2023. – С. 23-29.

**2.** Раҳмонов С.Д. Авзои ниёздошта ба ислоҳот // Гузориши АМИТ, Бахши илмҳои сиёсатшиносӣ, № 2. - Душанбе, 2023. – С. 138-145.

**3.** Раҳмонов С.Д. Нақши омилҳои асосии боздоштани ҷомеа аз рушду тараққӣ // Паёми донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Бахши Таърих ва Бостоншиносӣ, №4-1 (33) – Кӯлоб, 2023. – С. 164-172.

**4.** Раҳмонов С.Д. Нақши омилҳои асосии ақибмондагии аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои фалсафа, № 3 – Душанбе, 2024. – С. 133–140. I

**5.** Раҳмонов С.Д. Нуфузи афкори фалсафии Аҳмади Дониш ба ҷавонбухориён // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ, №1(13) – Душанбе, 2024. – С.45 – 53.

**6.** Саидҷафарова П.Ш., Раҳмонов С.Д. Вижагиҳои иҷтимоии ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш. Ахбори ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, №2 – Душанбе, 2024. – С.127 – 135

**Ба автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

- аз н.и.ф., муҳаррири шуъбаи назорати илмии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик **Маҳмадулоев С.** Тақриз мусбат буда, қайд карда мешавад, ки дар баробари дастовард ва навгониҳо, дар матни автореферат камбудиҳое низ ба чашм мерасанд, ки бояд ба онҳо аҳамият дода шавад. 1. Иштибоҳ ва хатогиҳои техники дар автореферат ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқоти баъдина муҳим аст; 2. Тавозуни бахшҳои тавсифи умумии таҳқиқот дар автореферат пурра риоя нашуда, нуқсонҳои ҷузъӣ мушоҳида мешавад.

- аз доктори фалсафа PhD, м/к-и кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ **Абубакри М.Г.** Тақриз мусбат арзёбӣ гардида, қайд карда мешавад, ки дар баробари дастовардаҳои илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд, аз ҷумла: 1. Таъсири таълимотҳои Аҳмади Дониш ва ҳаракати ҷадидия ба рушду инкишофи таълимотҳои иҷтимоӣ-фалсафии минбаъда нишон дода нашудааст. 2. Дар автореферат номи асарҳои олимони машриқзамин ба забони аслии хеш оварда шудааст, хубтар мешуд, ба забони тоҷикӣ ҳам, оварда мешуд. 3. Дар матни автореферати диссертатсия хатогиҳои услубӣ, граматикӣ ва мантиқӣ ба чашм мерасад.

- аз номзади илмҳои фалсафа, муаллимаи калони кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Калонзода.Ф.И.** Тақриз мусбат буда, дар баробари ҷанбаҳои мусбат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд: 1. Ба андешаи мо, дар автореферати диссертатсия фаъолияти ислоҳотгаронаи ҷадидон дар аморати Бухоро, ҳатто зикри номи ягон нафар ходими намоёни ҷадидия аз мадди назари муаллиф дур мондааст. • Танҳо дар саҳ. 17-уми автореферат муаллиф чунин иброз менамояд, ки "дар паҳн кардани андешаҳои ғояҳои маорифпарварона Аҳмади Дониш, Шариф Махдуми Муътасим, Исо Махдум, Шамсиддини Шоҳин, Абдулмаҷиди Зуфунун, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Сироҷ, Саид Аҳмад Сиддиқӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, С. Айнӣ ва дигарон саҳм доштаанд", яъне ғайриихтиёр дар қатори маорифпарварон се-чор нафар намояндаи ҷадидияро низ номбар мекунад; 2. Камина ба банди 6-уми нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифи диссертатсия дар хусуси он, ки "пайравони ҷадидия аз зумраи ислоҳталабони динӣ дар ниқоби панисломизм буда, миллатро ҳамчун уммат ва ватандӯстиро дар барқарор намудани низоми теократии "хилофат" мефаҳмиданд, аммо Аҳмади Дониш бо решаҳои аслии миллии таълимоти худ оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ аз ақидаҳой ҷадидия бартарият дорад. Аз ин рӯ, аз ҷониби баъзе муҳаққиқон дар баробари ҷадидия аз ислоҳотхоҳони динӣ шумурдани таълимоти Аҳмади Дониш ягон асоси илмӣ надорад" (саҳ. 11) розӣ шуда наметавонад. Аввалан. бояд таъкид намуд, ки дар фаъолият ва осори ягон нафар ҷадидони точик мо таблиғи низоми теократии "хилофат"-ро намебинем. Сониян, ислоҳотхоҳии динии Аҳмади Дониш нисбат ба ҷадидон чашмрас ба назар мерасад, чунончи, вақте ки аҳли замонааш ба хурофоту бидъат рӯ ниҳоданд, ӯ бо таълифи асараш "Меъёру-т- тадайюн" аввалин нафаре буд, ки мехост дар

шуур ва афкори динии замонаш як навь тағйироту ислоҳе дароварад; 3. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлои ва техники ба чашм мерасанд. Албатта, ин эроду камбудиҳое, ки зикр намудем, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва минбаъд ҳангоми таҳияи асари монографӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа дар сатҳи дахлдор навишта шуда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида мебошад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

Таҳлили муқоисавии таърихӣ-фалсафии масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи Аҳмади Дониш ва ҷадидия ҳамчун идеяи нави илмӣ **коркард карда шуд.** Андешаҳои Аҳмади Дониш аз нигоҳи илмӣ-мантиқӣ баррасӣ гардида, фаҳмиш ва хулосабарориҳо нисбат ба масъалаи зикршуда бо истифода аз усулҳои таърихӣ, диалектикӣ, муқоисавӣ, аксиологӣ ва интиқодӣ асоснок гардиданд.

Омилҳои асосии муайянкунандаи хусусиятҳои густариши афкори ислоҳталабӣ ва маорифпарварӣ дар ҷомеаи Бухоро ва дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX **ошкор менамояд,** ки дар диссертатсия аввалин бор дар илми ватанӣ масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш ва намояндагони ҷадидия бо истифода аз методи муқоисавӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

**Пешниҳод шудааст**, ки пайравони ҷадидия аз зумраи ислоҳотхоҳони динӣ дар ниқоби панисломизм буда, миллатро ҳамчун уммат ва ватандӯстиро дар барқарор намудани низоми теократии "хилофат" мефаҳмиданд. Аҳмади Дониш бошад, дар пояи миллатдӯстӣ ва ватанпарварӣ, инчунин дар асоси дунявияти тафаккур ақидаҳои ислоҳотхоҳонаи худро баён сохта, бо ин хусусиятҳояш таълимоти ӯ аз наҳзати ҷавонбухориён, ки нусхабардорӣ аз ҷавонтуркон буд ва хислати пантуркистӣ дошт, тафовути зиёд дорад. Ҷадидия ба таблиғи панисломизм, сиёсисозии он аз ҷониби кишварҳои фарангӣ ва пантуркизм майл дошта, тибқи дастур ва дастгирии молиявии хоҷагони хориҷӣ фаъолият менамуд. Аммо Аҳмади Дониш бо решаҳои аслии миллии таълимоти худ оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ аз ақидаҳои ҷаддидия бартарият дорад. Аз ин рӯ, аз ҷониби баъзе муҳаққиқон дар баробари ҷадидия аз ислоҳотхоҳони динӣ шумурдани таълимоти Аҳмади Дониш ягон асоси илмӣ надорад.

**Исбот шудааст,** ки осори Аҳмади Дониш, аз ҷумла девони ашъори омӯхтанашудаи ӯ ва таҳқиқи онҳо аз нигоҳи методологияҳои гуногун дар замони шуравӣ ва даврони муосир ба таври муназзам тавсиф гардида, дар асоси далелҳои тарҷумаиҳолӣ таъсири сафарҳои мутафаккир ба Русия ҳамчун таҳаввули куллӣ дар ҷаҳонбинии ӯ баррасӣ гардидаанд.

**Ҷорӣ намудани** умумият ва фарқиятҳои дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX ва дар ин раванд ба принсипҳои дунявият, илмҳои табиатшиносӣ ва иҷтимоӣ-фалсафӣ такя кардани мутафаккир бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки н**атиҷаҳои илмии дар диссертатсия ба даст омада ба ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ва ҷадидия равшанӣ андохта, дар оянда дар таҳқиқи осори ислоҳотхоҳонаи иҷтимоии дигар мутафаккирони асри XIX ва ибтидои асри XX метавонанд истифода шаванд.

**Баён шудани** осори фалсафии Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун», «Меъёру-т-тадайюн» ва асарҳои ҳамасрони ӯ ҳамчун сарчашмаи аввалиндараҷаи таҳқиқот ба ҳисоб рафта, дар онҳо рушди низоми афкори сиёсӣ-иҷтимоӣ дар Осиёи Миёна дар нимаи дуюми садаи XIX таҳқиқ шудаанд.

Омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-динии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ дар муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития дар асоси сарчашмаҳои таърихию адабӣ ба таври мушаххас **ошкор гардиданд.** Муайян сохтани бартариҳо ва афзалияти афкори ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ тавассути нишон додани тафовутҳо байни ислоҳталабии динӣ ва маорифпарварӣ **омӯхта шуданд.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки омилҳои ниёз доштани ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш ба сабаби ноуҳдабароии амирони манғитӣ, муҳити хурофотии дарбор ва аҳолии кишвар, инчунин мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ бо истифода аз маводи нав аз осори мутафаккиру таҳқиқоти муосир мушаххас карда шуда, роҳҳои асосии ислоҳи онҳо дар таълимоти мутафаккир дар қиёс бо намояндагони дигари ҳаракати маорифпарварӣ **муайян карда шуданд.**
Далелҳои аз нигоҳи илмӣ, мантиқ ва таърихият асоснокшуда, натиҷаҳои таҳқиқи илмии масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар таърихи фалсафаи ватанию хориҷӣ , ки ҳамчун заминаҳои эмпирикии таҳқиқот хизмат кардаанд, **муаррифӣ карда шуд**.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дақиқии маълумот, ҳаҷми мувофиқи маводи таҳқиқотӣ ва коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии кори диссертатсиониро таъмин кардаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ **асоснок шудааст**. Ошкор сохтани омилҳои асосии муайянкунандаи хусусиятҳои густариши афкори ислоҳталабӣ ва маорифпарварӣ дар ҷомеаи Бухоро ва дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш бо дигар маорифпарварони асри XIX **муқоиса карда шуданд.** Дар ҳамин замина бартариҳо ва афзалияти афкори ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш аз

таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ тавассути нишон додани тафовутҳо байни ислоҳталабии динӣ ва маорифпарварӣ, инчунин омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-динии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ дар муҳити иртиҷоии даврai ҳукмронии сулолаи Манғития дар асоси сарчашмаҳои таърихию адабӣ ба таври мушаххас **муайян шудаанд**. Андешаҳои муҳаққиқон ва ихтисосмандони фалсафа ва идеяҳои шакли консептуалӣ гирифтаи ҷомеашиносон оид ба ислоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маорифпарварӣ **истифода шудаанд**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷи илмӣ** аз мустақилона интихоб кардани мавзуъ, гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, шахсан пайдо кардани иттилоот ва таҳлили он иборат мебошад. Хулосаҳои диссертатсия дар натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ исбот ва асоснок карда шудаанд.

Дар маҷлиси 03 июли соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Раҳмонов Самандар Давлаталиевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа тарафдорӣ намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктороні илм 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро овоз доданд: тарафдор 13, муқобил-нест, бюллетенҳои беэътибор 1.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Ниёзӣ Ё.Б.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ**

*03 июли соли 2025*